# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ XIX ШӮРОИ МАШВАРАТӢ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

20 феврали соли 2019 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XIX Шӯро баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифт:

- рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ
- натиҷаҳои таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда;
- натиҷаҳои таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм ва лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ.

**Рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ**

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа - рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машварати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳамрализода Фаррух шунида шуд.

Дар доираи иҷрои супоришҳои протоколии ҷаласаи XVIII Шӯро аз ҷумла вобаста ба масъалаҳои зерин иттилоъ дода шуд:

- дар марҳилаи мувофиқасозии ниҳоӣ бо вазорату идораҳои дахлдор қарор доштани лоиҳаи "Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши нақлиёт ва логистика";
- ба роҳ мондани сабти электронии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва рақамикунонии бойгониҳо;
- таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат оид беҳтар намудани мавқеи кишвар арзёбии "Пешбурди соҳибкорӣ"дар таҳрири нав;





- роҳандозии тартиби мустақими бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
- пардохти боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ва андозҳо дар низоми "онлайн" бо истифода аз корти миллӣ, ВИЗА ва МАСТЕРКАРД;
- фаъол гардидани Системаи электронии Феҳристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои гаравӣ барои бақайдгирии гаравҳои молу мулки манқул ва қабули бастаи қонунҳо дар доираи ислоҳоти низоми созишҳои таъминшуда.

Вазири адлия Рустам Шоҳмурод дар бораи ба роҳ мондани сабти электронии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва рақамикунонии бойгониҳо дар самти муосиргардонии хизматрасониҳои давлат ба аҳолӣ ва соҳибкорону сармоягузорон маълумот манзур намуд.

Қайд карда шуд, ки бо мақсади ҳалли вазифаҳои стратегии рушд ва ташаккули низоми самараноки соҳаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқ ба ҷавобгӯи талаботҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва дар заминаи технологияҳои иттилоотии муосир роҳандозӣ кардани фаъолияти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ Барномаи рушди мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2019 қабул шудааст. Тавре тазаккур дода шуд, Вазорати адлия дар нақша дорад, ки аз моҳи апрели соли ҷорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ дар баробари ҳомилҳои қоғазӣ ҷорӣ намудани сабтҳои электронии асноди ҳолати шаҳрвандиро оғоз намояд.

Оид ба масъалаи якум инчунин маърузаи Роҳбари Намояндагии Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пратибҳа Меҳта ва узви Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ, Директори иҷроияи "Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон", Нигина Икромова оид ба иҷрои қарорҳои Шӯро шунида шуд.

# МАСЪАЛАҲОИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИЮ ГУМРУКӢ ВА САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ ПЕШНИҲОД-ШАВАНДА

Оид ба натиҷаҳои таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда (масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа) гузориши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳҳорзода Ф.С. пешниҳод гардид.

Дар муҳокимарониҳо Роҳбари Намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон-Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, Ян Питер Олтерс, узви Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ, Директори ҶДММ “Беҳамто”, Исломиддин Ҳакимов баромад намуданд.

Раиси Шӯрои машваратӣ иброз доштанд, ки бо вуҷуди пешбинӣ гардидани як қатор имтиёзҳои андозию гумрукӣ, сарбории андоз барои корхонаҳои истењсолӣ дар маљмуъ нисбат ба кишварҳои минтақа зиёд мебошад. Инчунин, масъалаи афзудани маблағҳои ҷаримаҳо аз пардохти андоз ва натиҷаи фаъолияти ғайрисамараноки мақомоти масъули соҳа вобаста ба кифоя набудани тадбирҳои саривақтӣ таъкид гардид.

# НАТИҶАҲОИ ТАҲЛИЛ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ МАОРИФ ВА ИЛМ

Оид ба масъалаи мазкур дар ҷаласа гузориши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нуриддин Саид манзур гардид.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзнома инчунин, Намояндаи Хазинаи кудакони СММ дар Тоҷикистон, Лючиано Колестинӣ ва намояндаи бахши хусусӣ, Директори Муассисаи таълимии хусусии “Литсейи Раҳнамо” Ҳакимниё Илҳомиддин баромад намуданд.

Зимни баррасии масъалаи мазкур Пешвои миллат таъкид намуданд, ки фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм пеш аз ҳама аз бархурди мақомоти давлатӣ, назоратӣ, санҷишӣ, иҷозатномадиҳанда ва мақомоти ваколатдори давлатӣ бо муассисаҳои таълимии хусусӣ вобаста мебошад. Қонунгузории амалкунанда байни муассисањои таълимии хусусӣ ва давлатӣ тафовут намегузорад ва бахши маориф ва илм бахши иљтимоии давлат маҳсуб меёбад.

Аҳамияти рушди бахши хусусии соҳа барои сарфа кардани сарбории буҷети давлатӣ, таъмини ҷойҳои кории босифат, рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, ҳамзамон барои ҷалби фаъоли бахши хусусӣ мушкилоти зиёд, аз ҷумла, се то чор маротиба зиёдтар муқаррар карда шудани арзиши хизматрасониҳои коммуналӣ, кашонидани партов, истифодаи об, қувваи барқ ва дигар хизматрасониҳои инфрасохторӣ барои бахши хусусии соҳа нисбат ба муассисаҳои давлатӣ қайд гардида, дар ин самт ва масъалаҳои дигари соҳа ба мақомоти дахлдор дастур дода шуд.

# МАСЪАЛАҲО БАРОИ ҶАЛАСАҲОИ МИНБАЪДАИ ШӮРО

Оид ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрализода Фаррух гузориш дода, таҳлили рушди кластерӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин таҳлили беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсиониро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро манзур намуд.

Роҷеъ ба масъалаи якуми лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи оянда, Раиси Шӯро, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки вобаста ба татбиқи ҳадафи саноатикунонӣ дар кишвар дар ҷаласаи Шӯро масъалаи рушди кластерӣ на танҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки масъалаҳои ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ, яъне дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ карда шаванд.



Пешниҳоди мазкур ва масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаҳои оянда аз тарафи аъзои Шӯро ҷонибдорӣ карда шуд.

# ҶАМЪБАСТИ ҶАЛАСА

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуктаҳои дар он зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулини дахлдор дастуру супоришҳо ва ба шарикони рушд тавсияҳо доданд.

Вобаста ба натиҷаҳои ҷаласа лоиҳаи протокол таҳия ва аз ҷониби Раиси Шӯрои машваратӣ тасдиқ карда хоҳад шуд.

*Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин мавзуъ, хоҳишмандон метавонанд ба Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44-610-60-04 ё нишонии электронӣ муроҷиат намоянд:*

*secretariat@investmentcouncil.tj*